# ХУЛОСАИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Парвандаи аттестатсионии № ___
Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 29-уми январи соли 2021, №___

Барои сазовор донистани Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи номзадии Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 22.09.2020, суратмаҷлиси № 9 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 марти соли 2020, № 62) қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич 28-уми январи соли 1982 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Соли 2000 ба Донишгоҳи давлатии шаҳри Владимир дохил шуда, соли 2006 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Солҳои 2005-2008 ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ, солҳои 2008-2011 ассистент, муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии Тоҷикистон, аз соли 2011 инҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият дорад.

Соли 2014 ба шуъбаи аспирантураи шакли таҳсили ғоибонаи кафедраи ҳуқуқи иқтисодии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон қабул шуда, онро соли 2019 хатм намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон омода ва муҳокима шудааст. Инчунин диссертатсияи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст (суратмаҷлиси

№1. аз 29-уми августи соли 2020). Мавзӯи диссертатсия – «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд» дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст (суратмаҷлиси № 07, аз 10.03.2015).

**Роҳбари илмӣ: Қудратов Некруз Абдунабиевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Азимзода Назир Бозор** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

**Гайратов Тимуршо Муборакшоевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии "Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон" (ш. Хуҷанд) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд) Қурбонзода Б.Ш. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифзода М.М. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва

корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масоили гуногуни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқамандӣ доранд.

Унвонҷӯ вобаста ба мавзӯи диссертатсия, муаллифи 21 мақолаи илмӣ мебошад. Аз ин шумора 8 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиядиҳанда ба табъ расондааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти диссертант аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

1. Ширинҷонов, Ф.И. Масоили криминализатсияи муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Ф.И. Ширинҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – Душанбе, 2019. – № 5. Қисми 2. – С. 282-290.

2. Шириндҷонов, Ф.И. Сравнительно-правовой анализ незаконной миграции по законодательству государства членов СНГ [Текст] / Ф.И. Шириндҷонов // Қонунгузорӣ. – Душанбе, 2019. – № 1 (33). – С. 130-136.

3. Ширинҷонов, Ф.И. Мафҳуми муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Ф.И. Ширинҷонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). – Душанбе, 2019. – № 2 (27). – С. 120-124.

4. Ширинҷонов, Ф.И. Мубориза бо зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар сатҳи минтақавӣ: ҷанбаҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ [Матн] /Ф.И. Ширинҷонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). – Душанбе, 2019. – № 3. – С.242-248.

5.Ширинҷонов, Ф.И. Таҳлили аломатҳои тарафи объективии ҷинояти моддаи 335[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Ф.И. Ширинҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – № 1. – С. 173-178.

6.Ширинҷонов, Ф.И. Оид ба тавсифи аломатҳои бандубастшавандаи моддаи 335[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Ф.И. Ширинҷонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). – Душанбе, 2020. – № 1 (30). – С. 271-176.

7. Ширинҷонов, Ф.И. Оид ба муайян намудани мафҳуми «муҳоҷирати ғайриқонунӣ» [Матн] /Ф.И. Ширинҷонов // Маҷалаи академии ҳуқуқ (маҷалаи илмӣ). – Душанбе, 2020. – № 1 (33). – С. 130-134.

8. Ширинҷонов, Ф.И. Оид ба декриминализатсияи ташкили ғайриқонунӣ фиристонидан ва бо кор таъмин кардани шаҳрвандони

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа [Матн] /Ф.И. Ширинҷонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – Душанбе, 2020. – № 2. – С. 201-205. 28 II.

9. Ширинҷонов, Ф.И. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷиноятҳои марбут ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ [Матн] /Ф.И. Ширинҷонов // Ҳуқуқ ва иқтисод: (Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ аз 11 октябри соли 2018) / Зери таҳрири, номзади илмҳои ҳуқуқ Қудратов Н.А. – Душанбе, 2018. – С.161-167.

10. Ширинджонов, Ф.И. Международно-правовые обязательства Республики Таджикистан в сфере противодействия с незаконной миграцией [Текст] /Ф.И. Ширинджонов // Государствоведение и права человека. –Душанбе, 2019. – № 1 (13). – С. 162-170.

11. Ширинджонов Ф.И. Политическая функция государственной власти в Республике Таджикистан [Текст] /Ф.И. Ширинджонов // Отечественная юриспруденция № 5 (19), 2017 - С.8-10.

12.Ширинджонов, Ф.И. Социальная обусловленность криминализации незаконной миграции в Республике Таджикистан [Текст] /Ф.И. Ширинджонов // Таджикистан и современный мир: Актуальные проблемы развития инновационной экономики (Материалы международной научно-практической конференции 2019) / Под. ред Факерова Х.Н. и Раджабова Р.К. – Душанбе, 2019. – С. 278-280.

13. Ширинджонов Ф.И. Социалная функция государственной власти в Республике Таджикистан [Текст] /Ф.И. Ширинджонов // «Международное научное обозрение проблем и перспектив современной науки и образования». (Материалы международной научно-практической конференции, 25 февраля 2017) – Бостон. США. 2017. – С.63-65.

14. Ширинҷонов, Ф.И. Рушди қонунгузории муҳоҷиратӣ дар даврони истиқлолият [Матн] /Ф.И. Ширинҷонов // Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо (маводҳои конференсияи байналмилалии илмию амалӣ аз 30 октябри соли 2019» – Душанбе, 2019. – С.255-259.

15. Ширинджонов, Ф.И. К вопросу о криминализации незаконного пребывания иностранных лиц и лиц без гражданства в Республике Таджикистан [Текст] /Ф.И. Ширинджонов // Развитие юридичесский науки и проблема преодоления пробелов в праве (Материалы международной научно-практической конференции 31 октября 2019 г.) / – Шахти. РФ, 2019. – С.100-103.

16.Ширинджонов, Ф.И. Миграционное законодательство Республики Таджикистан как средство противодействия незаконной

миграции [Текст] /Ф.И. Ширинджонов // Современная юриспруденция (Материалы международной научно-практической конференции 25 октября 2019 г.) –Пенза. РФ, 2019. – С.87-91.

17.Ширинджонов, Ф.И. Регламентации уголовной ответственности за преступления в сфере миграции в уголовных кодексах Таджикской Советской Социалистической Республики [Текст] /Ф.И. Ширинджонов // Актуальные проблемы истории, политики и права: (сборник статей VII Всероссийской научно-практической конференции) – Пенза. РФ, 2019. – С.73-76.

18.Ширинджонов, Ф.И. Уголовное законодательство Российской Федерации и Республики Таджикистан об организации незаконной миграции [Текст] /Ф.И. Ширинджонов // Роль современного образования в условиях глобализации (Материалы международной научно-практической конференции, 6 марта 2020 г.). – Казан, РФ, 2020. – С.109-113.

19.Ширинджонов, Ф.И. Сравнительно-правовой анализ признаков объективной стороны преступления, предусмотренного ст. $322^1$. УК РФ и ст. $335^1$ УК РТ [Текст] /Ф.И. Ширинджонов // Юриспруденция и политология: теория и практика (Материалы международной научно-практической конференции, 25 марта 2020) –Пенза. РФ: 2019. – С.58-40.

20. Ширинджонов, Ф.И. К вопросу о нелегальной миграции [Текст] /Ф.И. Ширинджонов // Теоретические и прикладные вопросы комплексной безопасности (Материалы международной научно-практической конференции, 20 марта 2020) –Санкт-Петербург РФ, 2020. – С.11-14.

21. Ширинджонов, Ф.И. Субъект организации незаконной миграции по уголовному праву Республики Таджикистан [Текст] /Ф.И. Ширинджонов // Международное научное обозрение проблем и перспектив современной науки и образования (Материалы международной научно-практической конференции, 22-23 апреля 2020) – Бостон. США. 2020. – С.59-62.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:** Холмуҳаммадзода А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Сардори Раёсати ташкили кор ва назорати иҷрои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Ҳоҷибобо З.М. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон; Насуриён П.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Сардори шуъбаи таълими Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Маҳмадуллозода Н. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шинкаретская Г.Г. -доктори илми ҳуқуқ, сарходими илмии бахши ҳуқуқи байналмилалии Муассисаи давлатии федералии буҷавии илмии «Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Россия».

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба: муайян намудани аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳлили қонунгузории ҷиноятии кишварҳои алоҳидаи хориҷӣ оид ба ҷой доштан ё надоштани меъёре, ки ҷавобгариро барои ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ пешбинӣ менамояд; таҳлил нагардидани масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманд то давраи Шуравӣ; таҳлил нагардидани масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманд дар давлатҳои Аврупо ва Ғарби Дур; кам таҳлил гардидани адабиёти ватанӣ; масоили муайян намудани заминаҳои таърихи-ҳуқуқӣ; оид ба аломати бандубастшаванда «нисбат ба шахси баръало ноболиғ» ва дигар паҳлуҳои баҳсноки ҷиноятҳои баррасишавандаро фаро мегиранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби унвонҷӯ** таърихи инкишоф ва рушди категорияи муҳоҷирати ғайриқонуни дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон; ухдадориҳои байналмилалии ҶТ оид ба криминализатсия намудани кирдоҳои марбут ба ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд ва арзёбии онҳо; масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд дар қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷа; аломатҳои таркиби ҷиноятҳое, ки дар м.м. $335^1$ – $335^2$ –и КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд; аломатҳои вазнинкунанда ва махсус вазнинкунандаи таркиби ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд; инчунин пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое,ки ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд; масъалаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи муҳоҷират, соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд инчунин назария, хулоса ва муқарраротӣ дахлдори илмӣ-назариявӣ коркард шудааст.

**Исбот шудааст**, ки «Ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ ин содир намудани кирдорҳои зиддиҳуқуқие, ки мақсади онҳо ташкили воридшавии ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд ба ҶТ, ташкили будубоши онҳо дар ҶТ, ташкили гузариши транзитии ғайриқонунии чунин шахсон ба воситаи ҳудуди ҶТ ва ё ташкили бо кор таъмин намудани чунин шахсон, бо роҳи таъмини воситаҳои нақлиётӣ ё ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, манзили зист ё дигар биноҳо, ё расонидани дигар

хизматрасониҳо мебошад». Истифода ва ба назар гирифтани чунин истилоҳот мазмуни моддаи 335 [1] КҶ ҶТ-ро муназзам ва ғанӣ мегардонад.

Хамчунин мафҳуми «Муҳоҷирати ғайриқонунӣ», «Муҳоҷири ғайриқонунӣ», инчунин, таърих ва уҳдадориҳои байналимилалии Тоҷикистон дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд ошкор гардидаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

-дар он корҳои илмӣ назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд ва ҷавобгарӣ барои чунин ҷиноятҳо истифода гардидаанд;

-хулоса ва муқарраროти дар он инъикосшударо метавон дар тадқиқотҳои минбаъдаи масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд истифода намуд;

- тавсия ва таклифҳои дар тадқиқот пешниҳодшударо бо мақсади такмил додан ва мукаммал намудани Кодекси ҷиноятии ҶТ ва қонунгузории ҶТ дар самти муҳоҷират истифода намудан мумкин аст;

-натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ, сабаби такмили фаҳмиши "муҳоҷирати ғайриқонунӣ", "ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ" мегарданд;

-масоили мубрами ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд, мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд;

-дар хусуси такмил ва рушди ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд, пешниҳоду тавсияҳои муфид пешниҳод шудааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот усулҳои умумӣ-илмӣ ва махсус, аз ҷумла диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили низомнок, функсионалӣ, таҳлил ва синтез, усулҳои мантиқии мушоҳида ва пешгӯии илмӣ истифода бурда шудаанд.

Чун заминаи назариявӣ осори олимони ватанию хориҷӣ ба монанди Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, У.А. Азиззода, И.Ҳ. Бобоҷонзода, Р.Ҳ. Раҳимзода, Н.Б. Азимзода, Н.А. Қудратов, Т. Ғайратов, Ҷ.З. Маҷидзода, К.Ҳ. Солиев, П.А. Насуров, В.А. Андрюшенков, М.Н. Ахмедов, Э.Р. Байбурина, Ю.Ю. Бишевский, А.М. Исхаков, М.М. Магеррамов, В.Е. Подшивалов, Н.В. Самойлюк, В.С. Соков, Т.Н. Уторова, М.В. Улянов, А.Н. Шкилев ва дигарон омӯхта шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф барои амалия бо он собит мегардад, ки:**

- дастовард ва пешниҳодоти муаллиф барои такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд заминаи муфид маҳсуб меёбанд. Пешниҳоду дастовардҳои муаллиф метавонанд,

ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд;

- маводи диссертатсия метавонад ҳангоми тадриси фанҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирад;

- тавсияву пешниҳодоти дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дарҷгардидаро барои такмили минбаъдаи механизми пешгирии ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд истифода бурдан мумкин аст.

**Баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор намуд, ки:**

- нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар такя ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳое, ки бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ алоқаманданд асос ёфта, бо маводи интишор намудаи унвонҷӯ, ки оид ба мавзӯи диссертатсия ба нашр расидаанд, мувофиқат мекунанд;

- дар таҳқиқоти диссертатсионӣ санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асарҳои илмӣ истифода шудаанд, ки баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин мекунанд;

- натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда навгонии илмӣ доранд;

- натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ барои рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

**Саҳми шахсии муаллиф** бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ ва 21 интишороти ӯ исбот карда мешаванд.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ аз 29 январи соли 2021 қарор қабул карда шуд, ки ба Ширинҷонов Фирдавс Изатуллоевич дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад. Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, ки аз ҷумла 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 14 нафар, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Маҳмудов И.Т.**